GREEN CLIMATE FUND

EQUIDEV

АПРЕЛИ 2025 | №6

# МИЗҲОИ МУДАВВАР ОИД БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ДАР НОҲИЯҲОИ ВИЛОЯТҲОИ ХАТЛОНУ БАДАХШОН ВА ВОДИИ РАШТ

*БЮЛЛЕТЕН*



***Мизи мудаввар оид ба тағйирёбии иқлим дар н.Дарвоз***

Дар чорчӯбаи фаъолиятҳои зерлоиҳаи “Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон” (БСООТИ)-и Ташкилоти ҷамъиятии байналмилалии "Рушди баробарҳуқуқ" (Эквидев)-и лоиҳаи "Мусоидат ба раванди банақшагирии самараноки мутобиқшавӣ (НММ) барои Тоҷикистон"-и Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) ки аз тарафи Фонди Иқлими Сабз (GCF) маблағгузорӣ мешавад, дар ҳамкорӣ бо Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, силсила мизҳои мудаввар оид ба “Тағйирёбии иқлим” дар ҳашт ноҳияи вилоятҳои Хатлону Бадахшон ва водии Рашт дар моҳи апрели соли ҷорӣ баргузор намуд.

Мизҳои мудаввар дар ноҳияҳои Восеъ,Ховалинг, Хуросон ва Ҷомӣ дар вилояти Хатлон, н. Дарвози вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод ва Лахш дар водии Рашт баргузор шуданд.

Чорабиниҳои мазкур асосан мутахассисони соҳаҳои кишоварзӣ, ҷангал, нақлиёт, энергетика, захираҳои об ва саноати ноҳияҳоро ҷамъ оварда, таъсири тағйирёбии иқлим дар ҳар бахшро дар сатҳи маҳал баррасӣ намуданд.

Дар мизҳои мудаввар бештар аз 130 нафар намояндагони шуъбаҳои бахшҳои кишоварзӣ, об, саноат, нақлиёт, ҷангал ва саноат дар маҳалҳо иштирок намуданд, ки аксарияти онҳо мардон буданд. Занҳо низ ҳузури назаррас доштанд.

Силсиламизҳои мудаввар бо иштироки масъулони маҳаллӣ аз соҳаҳои афзалиятнок бо усулу равишҳои интерактивӣ бо роҳнамоии мутахассиси муҳити зисти ташкилоти Эквидев, Хушназар Аҳмадов баргузор шуданд. Дар чорабиниҳо инчунин аз баромадҳои масъулони бахшҳо, таҳлили иқлимӣ, арзёбии осебпазирӣ ва намоиши видеоҳои таълимӣ истифода шуд. Иштирокчиён оид ба мушкилиҳои мушаххаси вобаста ба иқлим дар минтақаҳои худ баромад намуда, роҳҳои ҳалли ба соҳаи худ мувофиқро пешниҳод намуданд.

Мақсади асосии мизҳои гирди зерлоиҳаи (БСООТИ) ҷалби бахши хусусӣ дар раванди татбиқи Нақшаи миллии мутобиқшавӣ (НММ) ба тағйирёбии иқлим, муайян намудани мушкилоти муштараки тағйирёбии иқлим барои бахши хусусӣ, таҳияи стратегияҳои мутобиқшавӣ бо иштироки бахши хусусӣ, тақвияти бахши хусусӣ дар масъалаҳои мутобиқшавӣ бо тағйирёбии иқлим, ҷалби сармоя ва технологияҳои нав барои мутобиқшавӣ, баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа дар бораи таъсири тағйирёбии иқлим, буд.




*Бахше аз машғулият дар мизи гирд н. Восеъ*




*Иштирокчиёни мизи мудаввар дар н. Рашт*




*Муҳокимаи масъалаҳои ТИ дар н. Лахш*

Инчунин мизҳои мудаввар масъалаҳои таҳияи нақшаҳои мушаххаси тадбирҳои мутобиқшавӣ, такмили идоракунии захираҳои табиӣ ва рушди кишоварзии устувор, гузариш ба технологияҳои камкарбон ва нерӯи барқароршаванда, беҳтар намудани вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии бахши хусусӣ, тақвияти ҳамкорӣ байни давлат ва бахши хусусӣ дар масъалаҳои мутобиқшавиро баррасӣ намуданд.



*Баромади иштирокчии мизи мудаввар н. Тоҷикобод*

Мизи мудаввар дар ноҳияи Хуросон масъалаи доғи вобаста ба тағйирёбии иқлими ноҳия: беобӣ, партовҳои маишӣ, адами коркарди онҳо, истифодаи нодурусти заҳрхимикатҳо ва нуриҳои минералиро ба баррасӣ гирифта, хулосагирӣ намуд, ки таъсири ин масъалаҳо ба дигаргуншавии иқлим хеле калон аст. Пешниҳод гардид, ки истифодаи нуриҳои органикӣ, компост ва биогумус бисёртар шавад то гуногунии биологӣ беҳтар гардад. Қайд гардид, ки маҳз нуриҳои органикӣ ҳосилнокиро беҳтар намуда, инкишофи қабати ҳосилхези заминро беҳтар мекунанд. Мушоҳида шуд, ки дар н. Хуросон роҷеъ ба биогумус ва аз поруи чорво истеҳсол намудани биогаз маълумоти кофӣ надоранд.



*Муҳокимаи масъалаҳои ТИ дар мизи мудаввар н. Ховалинг*

Мизи гирди ноҳияи Ҷомӣ тамаркуз рӯйи партовҳои газҳои гулхонаӣ ба сабаби шоликории бенизом дошт, ки сабабгори вайронии замин шудааст. Зикр гардид, ки тақвияти сатҳи огоҳӣ оид ба тағйирёбии иқлим ва ҳамкорӣ байни бахши давлатӣ ва хусусӣ дар ин робита метавонад вазъиятро беҳтар кунад.

Истифодаи беҳаду канори чарогоҳҳо ва фарсудашавии замину нестшавии гуногунии билогӣ аз мавзуъҳои меҳварии мизи мудаввари н. Ховалинг буд. Зикр гардид, ки истифодаи бенизоми чарогоҳ таъсир ба гардиши газҳои гулхонаиро ба бовар овардааст.



*Мизи мудаввар н. Ҷомӣ*

Дар мизҳои мудаввари минтақаи Рашт низ ба мушкили чарогоҳ ишора шуд. Гуфта шуд, ки нестшавии дарахтҳо дар талу теппаҳо, теъдоди зиёди рамаҳо аз дигар минтақаҳо, нашъу намои сусти рушди ниҳолҳо дар табиат, боришоти шадиди бемаҳал, сабаби шусташавии замин ва боиси зиёд шудани офатҳои табиӣ ва вайрон шудани экосистема (вайроншавии роҳҳо, каналҳои обёрӣ) гардидааст, ки ба ҳама бахшҳо таъсири худро расонида, дар умум маҳалли зистро ҳам вайрон мекунад.



*Баррасии масъалаҳои ТИ дар мизи гирд. н. Хуросон*

Пешниҳод гардид, ки ниҳолшинонӣ дар мавзеъҳои осебпазири Ғарму Тоҷикободу Лахш зиёд карда шавад. Инчунин рушд додани гармхонаҳо барои сабзавоти тару тоза ва истифодаи чораҳои мутобиқшавӣ оиди усулҳоли биоинженерӣ зарур дониста шуд. Кишти алафҳои бисёрсола дар талу теппаҳо ва ҳамкорӣ кардани 6 бахши асосӣ бо бахшҳои хусусӣ, оиди пешгирии осебпазирӣ низ зарур дониста шуд.

Мизи гирд дар н. Дарвози ВМБК таъкид намуд, ки бештарин таъсири тағйирёбии иқлимро дар ноҳия кишоварзон эҳсос мекунанд. Камшавии барфу борон ва гармшавии ҳаво боиси хушкии табиат гардида, оби дарёҳо сол то сол кам мешавад. Аз суйи дигар оби полезӣ низ коста гардида обёрии заминҳоро ба мушкил рӯ ба рӯ кардааст.

***Хулоса:*** *Мизҳои мудаввар дар ҳашт ноҳияи мазкур мушкилоти муштараки зиёдеро бармало карданд. Дар ҳамаи ноҳияҳо танқисӣ аз камии борону барф мушоҳида мешавад. Экосистема дучори вайроншавии тадриҷӣ шудааст. Таваҷҷӯҳи зарурӣ аз тарафи бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ дар сатҳи матлуб нест ва заъфи ҳамкорӣ байни бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ дар масъалаҳои вобаста ба тағйирёбии иқлим мушоҳида мешавад.*

*Мизҳои мудаввар пешниҳод намуданд, ки дар оянда ҳамкорӣ байни бахшҳои асосӣ ва хусусӣ беҳтар гардад. Дар нақша чорабиниҳои ноҳияҳо ҳалли мушкилоти вобаста ба тағйирёбии иқлим бештар ба назар гирифта шавад. Дар барномаҳои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ноҳияҳо масъалаи ҷалби сармояи хориҷӣ ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ бештар шавад ва бахши хусусӣ низ ҷалб карда шавад. Инчунин дар мизҳои мудаввар пешниҳод шуд, ки ҷиҳати ҷилавгирӣ аз ҳолатҳои эҳтимолии тайирёбии иқлим дар буҷети солонаи бахшҳо мабалағҳои махсус ба инобат гирифта шаванд.*

***БРСММ ташкилоти пешбари Созмони Милали Муттаҳид мебошад, ки барои хотима додан ба камбизоатӣ, нобаробарӣ ва тағйирёбии иқлим талош мекунад. Бо шабакаи васеи коршиносон ва шарикони рушд, мо дар 170 кишвари ҷаҳон фаъолият мекунем, то ки ба кишварҳо дар таҳияи қарорҳои ҳамгирошуда ва пойдор ба нафъи башарияту сайёра кӯмак расонем.***

***Барои маълумоти бештар моро дар сомонаи undp.org ё @UNDP пайгирӣ кунед.***